**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Мубрамият ва зарурияти диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки имрузҳо дар шароити ноустувории вазъи иқтисоди миллӣ, вазифаи муҳимтарини бозори молиявӣ ин бозсозии ҳадаф, механизмҳо ва абзорҳое мебошад, ки онҳо метавонанд дар ҷалби захираҳои молиявии худдӣ ва муайяннамои заминаҳои нави ҳамгироии молиявӣ бо иқтисоди ҷаҳон созгорӣ намоянд.

Бинобар ин, масъалаҳои ташаккул ва фаъолсозии бозори молиявӣ ва қисматҳои асосии он мубрамияти бештарро пайдо менамояд.

Ҳамзамон, барои ноил шудан ба нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 ва эълон шудани солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” рушди қисматҳои бозори молиявӣ ва рақамикунонии фаъолияти онҳо зарур буда, аз мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ дарак медиҳад.

Диссертатсия аз мукаддима, 3 боб ва 9 зербоб, хулосаву тавсияҳо ва руйхати адабиёт иборат буда, дар он мақсад ва вазифаҳои рушди қисматҳои бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди омузиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Муқаддимаи кор ба талаботҳои навишти диссертатсия ҷавобгу буда, дар он мубрамият, дараҷаи коркард, заминаҳои назариявию методологӣ, мақсад, вазифахо, объект, мавзуъ ва навгониҳои илмии таҳқиқот ба таври васеъ оварда шудааст.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот Чиллаев Сулаймон Нажмудинович 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки дар онҳо мухтавои мавзуи диссертатсия дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми таҳқиқот “Заминаҳои иқтисодӣ-институтсионалии ташаккули бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” оварда шуда, дар он асосҳои назариявии бозори молиявӣ, ташаккулёбии бозори молиявии кишвар ва заминаҳои рақамикунонии он, муаммоҳо ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи байналмилаллии ташаккули бозори молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба "Арзёбии равобити бозори молиявӣ дар бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ" бахшида шуда, дар он арзёбии ҳолати қисматҳои бозори молиявӣ ва бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ, таҳлили ҳолати воқеии бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми таъмини бахшҳои воқеии кишвар бо сармоя ва истифодабарии он дар шароити имруза мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми таҳқиқот “Роҳҳои такмили рушди бозори молиявии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ” буда, дар он масъалаҳои фароҳам овардани шароити мусоид ва тақвияти бозори молиявӣ дар ҷалби маблағгузорӣ ба иқтисоди миллӣ, механизми такмили рақамикунонӣ ва ояндабинии бозори сармоя дар маблағгузории дарозмуддати рушди иқтисоди миллӣ ва рушди рақамикунонии молиявӣ ҷиҳати ноил шудан ба самаранокии бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст, ки хулосаву тавсияҳои пешниҳод гардида, барои рушди қисматҳои бозори молиявии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар қисми хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаи асосии диссертатсия ҷамъбаст гардидаанд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ аҳамияти кифояи илмӣ-назариявӣ ва амалиро доро буда, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосир ва рушди қисматҳои бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ кумак хоҳад кард.

Бояд зикр намуд, ки Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дорои хусусиятҳои беҳтарини инсонӣ мебошад. Дустон ва ҳамкорон ин шахси наҷибро ҳамчун марди меҳнаткаш мешиносанд, ки меъёри зиндагиаш амалӣ гардонидани манфиатҳои ҷомеа мебошад. Дар байни коллективи меҳнатӣ обрую эътибори баланд дорад ва дар корҳои ҷамъиятии шаҳру ноҳия ва корхона фаъолона иштирок мекунад. Соҳиби се фарзанд буда, ба тарбияи онҳо доимо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ” аз руйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Умаров Ҳ.У.

Имзои Ҳ.У. Умаровро тасдиқ менамоям:

Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ИИТСС ДБССТ — Қурбонов Э.

08.12.2025с.